# ИҚТИБОС АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №1-3

шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм.

аз 1 сентябри соли 2022 ш. Душанбе

Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 8 нафар.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ:** Амирзода О.Ҳ., доктори илмҳои техникӣ, дотсент.

**Иштирок намуданд:** Амирзода О.Ҳ. д.и.т.- раиси шӯрои диссертатсионӣ; Қодиров А.С. н.и.т. (котиби илмӣ), аъзоён: Азизов Р.О. д.и.т., проф.; Давлатшоев С.Қ. н.и.т., Муртазаев У.И. д.и.г., проф.; Пулатов Я.Э. д.и.к., проф., Раҳимов И.М. н.и.т., Сафаров М.М. д.и.т., профессор.

## РӮЗНОМА:

3. Оид ба таъсиси комиссияи экспертӣ, ҷиҳати баррасӣ ва қабул намудани диссертатсияи тадқиқотчӣ **Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯъи: ***«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия.

**Аз руйи масъалаи сеюм** котиби шӯрои диссертатсионӣ Қодиров А.С. баромад намуд.

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз тарафи тадқиқотчӣ **Муродов Парвиз Худойдодович** ҷиҳати ҳимояи диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи ***«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ариза пешниҳод шудааст. Муродов П.Х. тадқиқотчии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ буда, даври якуми экспертизаи диссертатсияашро дар ҷаласаи кушоди лабораторияи «Сифати об ва экология»-и ИМОГЭваЭ АМИТ ва кафедраи «Системаҳои таъмини об, газугармӣ ва ҳавотозакунӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ гузаронидааст. Даври дуюми экспертиза дар Шӯрои олимони Институт гузаронида, хулосаро бо пешниҳод барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гирифтааст.

Вобаста ба ин иброз менамоям, ки барои гузаштани тартиботи навбатӣ номзадии се аъзои шӯрои диссертатсионӣ, вобаста ба самти диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшуда: д.и.к., профессор Пулатов Я.Э. (раиси комиссия), аъзоёни комиссия: д.и.т., дотсент Ҳасанов Н.М., н.и.т., х.к.и. Қодиров А.С. ҷиҳати экспертизаи диссертатсияи тадқиқотчӣ **Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯи ***«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия пешниҳод карда мешавад.

**Ба овоз монда шуд:**

**тарафдор – 8 нафар; зид – нест; бетараф – нест.**

**Пас аз овоздиҳӣ ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ д.и.к., профессор Пулатов Я.Э. (раиси комиссия), аъзоёни комиссия: д.и.т., дотсент Ҳасанов Н.М., н.и.т., х.к.и. Қодиров А.С. ҷиҳати экспертизаи диссертатсияи тадқиқотчӣ **Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯи: ***«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия таъсис дода шавад.

2. Ба комиссияи экспертӣ супориш дода шавад, ки таҳлили мувофиқати диссертатсияро ба самтҳои фаъолияти шӯро, инчунин баррасии дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Муродов Парвиз Худойдодовичро анҷом дода, хулосаи комиссияи экспертиро омода намоянд ва дар ҷаласаи навбатии шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

Раиси шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-059, доктори илмҳои
техникӣ, дотсент Амирзода О.Ҳ.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-059, номзади илмҳои техникӣ
ходими калони илмӣ Қодиров А.С.

*Имзои д.и.т., дотсент Амирзода О.Ҳ. ва н.и.т., х.к.и. Қодиров А.С.-ро* ***тасдиқ мекунам.***

*Мудири Шуъбаи кадрҳо ва коргузории*
*ИМОГЭваЭ АМИТ* Холназарова З.Д.